# СТАТУСИ ВНМО-И ХУДРО МЕДОНИ?

**Тест барои антителаи ВНМО гузаронида мешавад, то ки сироят ёфтани одамро ба вируси норасоии масъунияти одам (ВНМО) муайян кунанд.**

**ВНМО - вируси норасоии масъунияти одам. Ин системаи масъунияти одамро хароб карда, имконияти кодир будуни хифзи баданро аз микроорганизмхои зараровар махрум месозад ва сабаби инкишофи БПМО мегардад.**
**БПМО - бемории пайдошудаи масъунияти одам, мархилаи охирони ВНМО мебошад. Бисёр шахсони гирифтори ВНМО, ки табобати сариватиро намегиранд, пас аз чанд сол дар онхо, БПМО инкишоф меёбад.**

## ЧИ ТАВР ОДАМОН БА ВНМО ГИРИФТОР МЕШАВАНД?

**Сирояти ВНМО аз шахси гирифтори ВНМО бо воситаи моеъхои бадани инсон хангоми алокаи чинсии бе химоя (бе рифола), ханогоми якчанд кас истифода бурдани сузандорухои яккарата ва аз модари гирифтори ВНМО хангоми хомиладори, тавлид ва ширмаккони мегузарад.**

## ДАР КАДОМ ХОЛАТ ВНМО НАМЕГУЗАРАД?

• Хангоми салом кардан, ба огуш гирифтан ва буса кардан;
• Ба тавассути ашк ва араки бадан, хангоми сулфидан ё атса задан;
• Ба тарики косаву табак, лавозимотхои хонаги, чойгахи хоб ва пул; • Хангоми истифодабарии хочатхонаи умуми; • Хангоми газидани хашаротхо; • Тавассути хайвоноти хонаги;



**<u>МУХИМ:</u> НАТИЧАИ ТАШХИСРО МАХЗ БА МИЗОЧ ХАБАР МЕДИХАНД,**
**ЧУНКИ ИН АСРОРИ МАХФИИ ТИБ МЕБОШАД. НАТИЧАИ ТАШХИС ТАРИХИ ТЕЛЕФОН ГУФТА НАМЕШАВАД!**

## СИРОЯТ ЁФТАНИ ОДАМРО ЧИ ТАВР МУЙЯН МЕКУНАНД?

**Бояд шахс аз тадкикоти хун гузарад, ки ин раванд «тест барои ВНМО» ном дорад. Вакте, ки ВНМО ба орпганизми инсон ворид мешавад, барои мубориза бо вируси бегона дар бадан хоричшавии антитела огоз мегардад. Тест барои ВНМО хамин антителахоро муайян месозад. Хоричшавии антитела дар организми инсон аз 2 хафта то 3 мохи баъди сироятшави сар мешавад. Даврае, ки аллакай ВНМО дар бадан хаст, лекин антителахо муайян намешаванд, «мархилаи ноайёни» ном дорад.**

## НАТИЧАИ МУСБИИ ТЕСТ БАРОИ ВНМО ЧИ МАЪНО ДОРАД?

**Тести мусби маънои онро дорад, ки антитела бар задди ВНМО дар организми одам вучуд дорад, ва эхтимолият баланд аст, ки шахс сироят ёфтааст. Дар баъзе мавридхо натича мумкин мусбии калбаки барояд(дар занхои хомиладор, одамони сироятшудаи зуком, беморони саратон дошта ва гайрахо), аммо хангоми гузаронидани тадкикодхои иловаги истисно кардани ин гуна холатхо имконпазир мешавад.**

## НАТИЧАИ МАНФИИ ТЕСТ БАРОИ ВНМО ЧИ МАЪНО ДОРАД?

- **Мизоч ба ВНМО гирифтор нашудааст.**
- **Мизоч ба ВНМО гирифтор шудааст, лекин аз сироятёби на онкадар вакт гузаштааст ва антителахо холо пайдо нашудаанд(мархилаи ноайёни).**

## БАРОИ ЧИ АЗ ТАШХИСИ ВНМО БОЯД ГУЗАШТ?

Агар Шумо ба ВНМО сироят ёфта бошед, чи кадар зудтар аз ин огох ёбед, хамон кадар имконияти нигохдории сатхи саломатитон зиёд аст. Агар Шумо алокаи чинсии бе химоя (бе истифодаи рифола) ва мавчудияти гумон оиди имконияти сироятёби бо рохи дигар ба мисоли истифодабарии нашъаи тазрики бошад, пас, гузаштани ташхис аз ВНМО ва ошкорсозии мавчудияти антитела, барои рахо ёфтан аз номуайнкунии азобдиханда ёри мерасонад.

Дар хотир доред: Натичаи мусбии ташхис барои антитела бар зидди ВНМО, маънои онро надорад, ки одам ба БПМО гирифтор шудааст, ба наздики бемор мешавад ва ё вафот мекунад. Бисёр шахсони гирифтори ВНМО тули чанд сол кариб хаёти оддиро аз сар мегузаронанд, баъд табобати зидди ретровирусиро барои нигох доштани системаи масъуният сар мекунанд. Хангоми тарзи хаёти солим бурдан ва кабул кардани тарзи дурусти муоличаи дастгиркунанда, сифати хаёти бо ВНМО сироятшудагон, эхтимол хуб нигох дошта шавад.

# ВАКТЕ ОМАДААСТ, КИ ШУМО СТАТУСИ ВНМО-И ХУДРО ФАХМЕД!

Дастрас кардани машваратхо оиди саволхое, ки бо ВНМО ва БСЧ(беморихои сирояткунандаи чинси) тааллук доранд, Шумо метавонед, махфи ва ройгон дар ГБУЗ «Сахаланский областной центр по профилактике и борьбе со СПИДом» дар хучрахои дустонаи машварати.

ГБУЗ
«САХАЛИНСКИЙ ОБЛАСТНОЙ ЦЕНТР
ПО ПРОФИЛАКТИКЕ И БОРЬБЕ СО СПИДОМ»

Телефон: 8(4242) 72-21-09, 72-62-28.

www.hiv65.ru